***УДК 930***
***ББК 63.5 -77***

# АЗ ТАЪРИХИ ЗИЁРАТИ ДОХИЛӢ ВА ПАРАСТИШИ ҶОЙҲОИ МУҚАДДАС АЗ ҶОНИБИ ТОҶИКОНИ ОСИЁИ МИЁНА

***Исамитдинов Жорабек Бобобекович,*** *н.и.т., дотсент, мудири кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ИЗ ИСТОРИИ ВНУТРЕННЕГО ПАЛОМНИЧЕСТВА И ПОЧИТАНИЯ СВЯЩЕННЫХ МЕСТ ТАДЖИКАМИ СРЕДНЕЙ АЗИИ

***Исамитдинов Жорабек Бобобекович,*** *канд.ист.наук, доцент, заведующий кафедрой Отечественной истории и археологии ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

# FROM THE HISTORY OF INTERNAL PILGRIMAGE AND REVERENCE OF SACRED PLACES BY THE TAJIKS OF MIDDLE ASIA

***Isamitdinov Zhorabek Bobobekovich,*** *candidate of historical sciences, Associate Professor, chief of the department of home history and archeology under the State Educational Institution (SEI) "Khujand State University named after academician B. Gafurov (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *isomatdinov1961@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *зиёрати маҳаллӣ, ҷойҳои муқаддас, мазорот, маросим, эътиқод, парастиш, авлиё*

*Зиёрату парастиши ҷойҳои муқаддас аз ҷониби тоҷикони Осиёи Миёна мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар заминаи мушоҳидаҳои тадқиқоти саҳроии этнографӣ, асарҳои муҳаққиқони соҳа, масъалаҳои иҷрои амалии зиёрати мазорот, ҷойгиршавии объекти парастиш, нақши дини ислом дар зиёрату парастиши ҷойҳои муқаддас, тарзу усули ташриф ба мазорҳо, риояи қоидаҳо, расму оинҳои мардумӣ ва ғайра таҳлил шудааст. Таъкид мегардад,ки эътиқод ва парастиши ҷойҳои муқаддас ба мавҷудияти руҳ-ҳомии ҳамин макон, соҳиби каромот будани он асос ёфтааст. Дар бораи ташкили сайру гашти оммавӣ дар мазорҳо маълумот дода шудааст.*

***Ключевые слова:*** *местное паломничество, святые места, мазар, обряд, верования, поклонение, святой*

*Рассматривается порядок организации паломничества и поклонения святым местам таджиков Средней Азии. С опорой на данные наблюдений, полевые этнографические исследования и работы исследователей в данной области, раскрывается практическое осуществление паломничества к святыням, расположение объектов поклонения, роль ислама в паломничестве и поклонении святым местам, способы посещения святынь, ритуалы и обряды внутреннего паломничества. Подчеркивается, что вера и поклонение святым местам основаны на духовном существовании таких мест и их святости. Представлена информация об организации массовых посещений мазаров.*

***Key words***: *local pilgrimage, sacred places, mazar, rite, persuasions, worship, saint*

*The article dwells on the order of organization of pilgrimage and worship to sacred places by the Tajiks of Middle Asia. Proceeding from the data of observations, field ethnographic explorations and scholars' works referring to the realm in question, the author discloses such issues as practical effectuation of pilgrimage and worship towards sacred places, ways of visits*

*to shrines, rituals and rites of internal pilgrimage. It is underscored that faith and worship to sacred places are based on spiritual existence of the latters and their sanctity. The information about the organization of mass visits to mazars is presented.*

Маълум аст,ки халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон аз давраҳои қадим ба зиёрату парастиши «ҷойҳои муқаддас» эътибор медоданд. Ҳафриёте, ки дар ёдгории Саразми Панҷакент гузаронида шуданд, тасдиқ намуданд, ки дар қаламрави Осиёи Миёна дар ҳазорсолаи III пеш аз милод марказҳои муҳимми ибодатӣ вуҷуд доштаанд [12,с.76-100]. Маҷмааи ибодатии ҳамин давр дар ёдгории Олтинтеппаи Туркманистон низ омӯхта шудааст. Аз Олтинтеппа маҷмааи будкада (ибодатгоҳ)-ҳо кашф шудаанд, ки қисми асосии ин ёдгорӣ манораи чорзинагӣ (монанди зиккуратҳои Байнаннаҳрайн) ба шумор меравад. Ба ақидаи бостоншиносон ин маҷмаа ба худои Моҳ бахшида шудааст[15,с.318].

Эътиқоди динии аҷдоди тоҷикон бо зуҳуроти табиат, парастиши замин, кӯҳ, водиҳо, яху об, чашмаву рудҳо, оташ ва ғайра, рӯҳи парасторони онҳо вобастагӣ дошт[22,с.237].

Зиёрати мазорҳо яке аз намудҳои маросими шодмонӣ маҳсуб меёбад. Мазор аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънои «зиёратгоҳ, маҳалли зиёрат»-ро дорад. Дар мазорҳо одатан турбати авлиё, дарахт, санг, ғор ва ё дигар объектҳои парастишӣ мавҷуд буда, мардум дар вақтҳои муайяни сол, айёми ҷашнҳо онҳоро зиёрат мекунанд. Зиёрати мазорҳоро нисбат ба мардон, бештар занон анҷом медиҳанд.

Ҳанӯз дар давраи пешазинқилобӣ муҳаққиқон- шарқшиносони рус К.Г. Залеман [11,с.105-150], В.А. Гордлевский [8,с.369-386; 9,с.361-368], В.А. Жуковский [10,с.144-156], А.А. Семенов [30,с. 247-256; 31,с.202-211] дар бораи ҷойҳои муқаддаси Осиёи Миёна (парастиши авлиё дар ислом) маълумот додаанд. Аз олимони хориҷӣ И. Голдсиер муҳимтарин паҳлуҳои назариявӣ ва амалии парастиши ҷойҳои муқаддасро мавриди омӯзиш қарор додааст [7,с.32-43].

Асоси зиёратро дар мазорҳо парастиши қабри авлиё, пиру шайхон, намояндагони сӯфия, ки бо парҳезгориву порсоӣ машҳур гашта буданд, инчунин дарахтон, чашмаҳо, сангҳо ва дигар объектҳо ташкил мекард. Барои парастиши ҷойҳои муқаддас истилоҳи «мазор» ва «авлиё» истифода мегарданд. А.З Розенфелд муайян намудааст, ки дар баъзе ҳолатҳо мазорро «лангар» низ меноманд. Ин маънои онро дорад, ки авлиёе лангари худро партофта, дар он мавзеъ ба таври доимӣ ҷойгир шудааст. Ин истилоҳот дар топонимикаи Тоҷикистон бисёр вомехӯрад. Дар деҳае ки ин номро гирифтааст, ҳатман мазор ҷойгир аст[29,с.861-864]. Инро дар мисоли деҳаи Лангари ноҳияи Спитамен мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар Эрон мазорро бо истилоҳи «имомзода»-авлоди имом ифода мекарданд. Намояндагони тасаввуф (суфия) бошанд мазорро бо калимаи «мақом» ифода мекунанд. Ба қавли онҳо мақом маънои «истгоҳ»-ро, яъне истгоҳи авлиёро дорад, ки бо ӯ дар ин мавзеъ робитаи маънавӣ барқарор мегардад. Дар ин ҷо мақом ба маънои дахма, мақбараи авлиё низ маънидод мегардад[21,с.14]. Тибқи маълумоти А.А. Бобринский дар ноҳияҳои Помир истилоҳҳои «зиёрат» ва «остун (остон)» истифода мегарданд[5,с.108-114]. Нисбат ба мазорҳо ба сифати эҳтиром ибораҳои «ҷойи азиз», «ҷойи муқаддас», «авлиё», «бузургвор», «пир», «даргоҳ», «равза» ва ғ. истифода мешаванд. Авлиёи дар мазор дафншударо чун ашхоси баргузидаи ба Худо мақбул ва ба соҳибвилоят парастиш мекунанд. Тибқи ақидаи мардум авлиё ба сифати миёнарав байни мусулмонон ва Худованд баромад мекунанд, онҳо бо ҳидояти Оллоҳ ба мӯъминон ёрӣ мерасонанд[13,с.30-31]. Эътиқод ва парастиши ҷойҳои муқаддас ба мавҷудияти рӯҳ-ҳомии ҳамин макон, соҳиби каромот будани он асос меёбад.

Хосатан дар дини ислом ба зиёрату парастиши ҷойҳои муқаддас аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Ҳанӯз дар давраи зиндагии пайғамбар Муҳаммад мусулмонон Каъбаро мепарастиданд. Каъба хонаи Худо эълон шуда буд, дар атрофи он масҷиди бузург – Масҷид- ул- ҳаром бунёд гашта, мусулмонон парастиши объектҳои табиии Макка- оби чашмаи Зам-зам, санги Иброҳим, кӯҳҳои Бу Қабис, Сафо, Марва, Арафот, Муздалифа, водии Мино ва ғайраро ба роҳ монданд. Парастишу ибодат, маросимҳои умра ва ҳаҷ, аз қабили тавофи Каъба (ҳафт маротиба давр задани он), бӯсидани санги сияҳ ё даст расонидан ба он ва баъдан дастҳоро ба лаб расонидан ва дигар амалҳо иҷро мегаштанд. Чунин буданд баъзе рукнҳои зиёрати Макка. Аз ибтидои асри VIII образи Муҳаммад (с.) устуравӣ мегардад ва парастиши мавзеъҳои ба ҳаёти ӯ вобаста оғоз меёбад. Эътиқодмандони дини ислом бо эҳтироми хоса ба қабрҳои шаҳидон муносибат намуда, дар болои онҳо мақбараи гумбаздор бунёд менамуданд. Дар шафати мақбараҳо масҷидҳо низ сохта мешуданд. Минбаъд парастиши қабрҳои беҳтарин тарғибгарони ислом ва сарварони қабилаҳо ба роҳ монда шуданд.

Дар ҷойҳои муқаддаси ландшафтӣ (табиат) бошад ҷараёни исломикунонии нисбатан сусттар мушоҳида мегардад. Чунин ҳолатро дар ҳудудҳое,ки арабҳо забт намуда буданд мушоҳида кардан мумкин аст. Арабҳо танҳо ба маҳалҳои табиии замони Муҳаммад, ки ба объекти парастиш табдил дода шуда буданд, эътибор медоданд. Аммо мазорҳои тоисломии дигар маҳалҳо «ҳақиқӣ» ҳисобида намешуданд. Ба ҷои онҳо бештар ба бунёди масҷиду хонақоҳҳо эътибор медоданд.

Парастиши авлиёи дар мазор хуфта ва анҷом додани зиёрат ба ин мавзеъҳо имконият медиҳанд,ки эътиқотмандон ба рӯҳи гузаштагон эҳтиром гузоранд. Дар ин маврид мазор ба сифати пул (кӯпрук) байни Парвардигор ва худи зиёраткунанда хидмат мекунад. Зиёраткунандагон ба мазор бо мақсади муайян ташриф меоваранд. Дар ин ҳолат тарс аз Парвардигор каме коста мегардад. Ташриф ба мазор на аз рӯи таълимоти китобӣ сурат мегирад, балки дар асоси талаботи дину оини мардумӣ анҷом дода мешавад. Яъне зиёрати мазорҳо ба ақоиди дини ҳукмрон кам алоқамандӣ дорад [26,с.10].

Марҳилаи навбатии густариши парастиши ҷойҳои муқаддас дар асрҳои IX-X мушоҳида мегардад. Бо зуҳури суфия (тасаввуф) наздикшавии инсон ба Худованд (валӣ), ки шукргузориро ба неъматҳои Оллоҳ дар ҳар ду дунё тарғиб мекарданд, дар байни мардум ҷойгоҳи махсусро касб кард[13,с.30-31]. Дар асрҳои миёна ба муқаддасот табдилёбии мазорҳои пешазисломӣ, исломикунонии онҳо ба итмом расид. Мазорҳо ба мақбараҳои авлиё ё ба қадамҷои онҳо табдил дода шуданд. Дар назди чунин мазорот ҳуҷраҳо ва чиллахонаҳо (ҷойи хилватнишинии чилрӯза) бунёд карда мешуданд. Ин амал ба қатъ гаштани парастиши худоҳои қаблазисломии маҳаллӣ овард. Махз муносибат ба мазорҳо (ҷойҳои муқаддас) ба мардумӣ шудани ислом оварда расонид. Ба ғайр аз эътиқод ба Оллоҳ ва пайғамбари ислом, боварӣ ва парастиши авлиёи соҳибкаромат ба мадди аввал баромад.

Мазорҳо дар мавзеъҳое ба вуҷуд меоянд, ки барои ҷамъомади мардум қулай бошад. Аҳолӣ мунтазам зиёрати мазорро анҷом медоданд, дар он ҷо қурбонӣ мекарданд, таоми урфӣ мепухтанд, назру ниёз мекарданд, вобаста ба тахассусмандии мазор бо муолиҷаи беморон машғул мешуданд.

Умуман, дар байни тоҷикони Осиёи Миёна мазорҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Ба гурӯҳи якум мазорҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо сағонаи қабри авлиё ҷойгиранд ва дар болои онҳо мақбара бо боми гунбадшакл бунёд карда мешавад. Дар шафати мазорҳои бузургҳаҷм одатан масҷид, хонақоҳ, хонаи зисти шайхи мазор низ сохта мешавад. Дар чунин

мазорҳо одатан ходаҳо насб мегарданд, ки ба онҳо зиёратгарон мӯйи думи асп, мӯйи думи қӯтос (дар мазорҳои Помир), дар баъзе маврид думи ҳайвоноти ваҳшӣ, матоъ ё пораи матоъ, ресмонҳои ранга, предметҳои либос ва ғ. мебанданд. Ба ғайр аз ин дар мазорҳо шохи оҳу, устухони сари ҳайвонотро насб мекунанд, тӯдаи сангҳоро ҷойгир мекунанд. Бояд тазаккур дод, ки ба мазор мардум ҳар гуна предметҳо меоварданд, бо мақсади ба худ гирифтани ягон ӯҳдадорӣ, қурбонӣ кардан ба мӯҳтоҷон маблағ тақсим менамуданд, боварӣ доштанд, ки зиёрати мазор балоро аз онҳо рад мекунад, нияташон ҳатман амалӣ мешавад. Инчунин назрҳои ба мазор овардашуда холисона ҳадя мегардид. Аксаран дар назди мазорҳо дарахтони арча (бурс), чанор, савр, сафедор, бед мешинонданд [16,с.7].

Ба гурӯҳи дуюми мазорот объектҳои парастишии гуногун, ки бо дафни авлиё алоқамандӣ надоранд, дохил мешаванд. Инро этнографҳо парастиши ландшафтӣ меноманд. Аксар вақт чунин меҳисобиданд, ки ин ё он авлиё ба ин мавзеъ ташриф овардааст, ибодат кардааст, муваққатан зистааст, баъзан рӯи ягон санге изи пои худро гузоштааст ва ғ. Чунин мазорҳоро «қадамҷо» меномиданд. О. А. Сухарева чунин ҳисобидааст,ки дарахтони бузургҳаҷм танҳо дар мазорҳои қадами авлиё (шахси муқаддас) расида месабзанд [33,с.33].

Муҳаққиқи рус Г.П Снесарев гурӯҳбандии мазорҳоро анҷом дода, чор гурӯҳи онҳоро нишон медиҳад: 1) Мазори авлиё, ки образи онҳо ба пуррагӣ маълум нест, ҳатто дар бораи онҳо қиссаҳои одӣ ва номҳо вуҷуд надоранд; 2) Мазори авлиё – персонажҳои китобҳои муқаддас (Инҷилу Қуръон), ки ба қатори онҳо ашхоси баргузидаи давраи аввали ислом низ шомиланд; 3) Мазори авлиё –сӯфиёни асримиёнагӣ: ҳам сӯфиёни хеле маъруф ва ҳам сӯфиёни маҳаллӣ; 4) Мазори «намояндагони ҳокимияти маҳаллӣ», мақбараи бархе аз онҳо беихтиёр ба мазор табдил ёфтаанд [32,с.277-279].

Дар қаторкӯҳи Қурама (дар ҳудуди ноҳияи Ашт) мазори Бобои Об (дар баландии 3769 м аз сатҳи баҳр) ҷойгир аст. Сараввал ин мазор объекти парастишии чорводорон будааст. Бо гузашти айём мазори мазкур парастишгоҳи кишоварзон мегардад. Мазор хусусиятҳои қадимаи худро нигоҳ доштааст. Бо таъсири ислом мусулмоникунонии мазор сурат гирифтааст [1,с.5-23; 2,с.18-20; 20,с.41-68;]. Мазори мазкурро инчунин мазори Абдурраҳмони об ё Абдурраҳмони Афв (яке аз саҳобагони Муҳаммад (с.)) номидаанд. Дар байни мардум Абдурраҳмони Авф пуштибон, парастори зироати обӣ маҳсуб меёфт. Ин мазор мақоми ирригатсионӣ дошта, дар назди он иншоотҳои парастишӣ бунёд гаштааст.

Дар бораи мазори Абдурраҳмони Авф соли 1914 сайёҳи рус П.Е. Кузнецов маълумот додааст. Ӯ ҳангоми тартиб додани рӯйхати мазорҳои водии Фарғона таъкид намудааст,ки дар деҳаи тоҷикнишини Пискокат (ки дар доманакӯҳи Қурама ҷойгир аст) мазори «Ҳазрати Абдурраҳмони Авф» вуҷуд дорад. Номи Абдурраҳмони Авф барои исломикунонии маҳалҳо аҳолинишини Осиёи Миёна истифода бурда шудааст. Масалан, дар ин бора аз китоби «Самария»-и Абу Тохирхоҷа, ки роҳнамои мазорҳои Самарқанд мебошад, маълумот гирифта метавонем. Дар ин китоб доир ба сағонаи (қабри) Шайх Абдурраҳмон маълумот дода шудааст, ки муаллиф аз қавли аҳолии маҳаллӣ, онро мазори Абдурраҳмони Авф номидааст[3,с.35.54]. Дар деҳаи Қорасақол-бобои ноҳияи Истаравшан мазори ҳамноми деҳа ҷойгир аст,ки дар шафати он намозгоҳ (ҷойи гузориши намоз дар рӯзҳои ид) бунёд шудааст. Дар ин мавзеъ мардум маросими Сайри «гули сурх»- ро мегузарониданд. Профессор Н.О. Турсунов қабри авлиёи ин мазорро ба Абдурраҳмони Авф мансуб донистааст [39,с.257].

Дар мазори Шайх Баҳоваддини Нақшбанд, ки дар наздикии Бухоро ҷойгир аст, ҳамасола баъди ҷашни Наврӯз моҳи апрел зиёрати оммавӣ ба ифтихори гули сурх баргузор

мешгардад. Зеро яке аз рукнҳои ҷашни гулҳо зиёрати мазорҳо ба шумор мерафт. Албатта дар ин мазори бонуфуз баропо гаштани ҷашни қадимаи гули сурх боиси аз байн нарафтани ин ҷашн гаштааст [38,с.77].

Сайру гашти оммавӣ дар мазорҳо дар рӯзҳои муайяни сол гузаронида мешавад ва аз ду намуди маросим иборат мебошад: 1) сайру гаште,ки аз давраи пеш аз ислом боқӣ мондааст ва бо тақвими шамсӣ вобастагӣ дорад. Ин намуди сайру гашт бо машғулияти кишоварзӣ, ва оғози кишту кори баҳорӣ тавъам аст; 2) сайру гаштҳое,ки баъди зуҳури ислом ҷорӣ шудаанд, ки онҳо бо тақвими қамарӣ муқаррар карда мешаванд. Ин намуди сайру гашт чӣ бо ҳаёти маънавӣ ва чӣ бо ҳаёти дунявии аҳолӣ алоқамандӣ дорад. Тақвимҳои тоҷикон мардумӣ буданд ва бо шукуфтани гулҳои дарахту буттаҳо ё парида омадани парандаҳо муайян карда мешуданд. Ба тағйиротӣ фенологӣ (тағйироти мавсимӣ)-и табиат вобаста ба шукуфтани гулҳо дар минтақаҳои даштии маҳалҳои тоҷикнишин мардумшинос О.А. Сухарева аҳамият додааст [34,с.31-47]. Ҷашни Навруз, эътидоли баҳоронаи рӯзу шаб оғозбахши тақвими шамсӣ ба шумор меравад. Наврӯз ба қатори силсилаи ҷашнҳои аввали баҳор, ки дар давоми як моҳ таҷлил мегаштанд, дохил мешуд. Оғозбахши ҷашнҳои баҳорӣ маросими «ҷуфтбаророн» - шудгоркуниву тухмпошии нахустин маҳсуб меёфт. Яке аз ҷашнҳои муҳимми баҳорӣ Сайри гули лола – ифодакунандаи эҳёи табиат ба шумор мерафт. Е.М. Пещерева сайри гули лоларо дар мисоли марсоими исфарагиҳо таҳлил намуда, ба хулоса омадааст,ки маҳз ҳамин маросим бо парастиши худои миранда ва зиндашавандаи олами наботот вобастагӣ дорад[23,с.5-9]. Ин маросим, яъне иди гули лола ё иди гули сурх дар аксари маҳалҳо бо зиёрати мазорҳо баргузор мегашт. Масалан, мардуми Хуҷанд ва атрофи он сайри гулро дар мазори Чашмаи Арзанак ва мазори Хоҷабақирғони деҳаи Овчи-қалъача барпо менамуданд. Аҳолӣ ба сайри мазорҳо ҳангоми идҳои динии Қурбон ва Рамазон низ мебаромаданд.

Маросими зиёрат қариб,ки дар ҳамаи мазорҳо якхелаанд. Зиёраткунандагон, ки аксаран занонанд, метавонанд дар ҳама рӯзҳои ҳафта зиёратро анҷом диҳанд Аммо рӯзи аз ҳама мувофиқ чоршанбе мебошад, ки ин рӯзро рӯзи муродбахш меҳисобанд. Зиёраткунандагон дар мазор маросими «Биби мушкулкушо»-ро анҷом медиҳанд. Ин маросим бо рӯбучини рамзии суфаву ҳавлии мазор оғоз мегардад. Ин амал савоб ҳисобида мешавад. Азбаски суфа низ ба фазои муқаддаси мазор дохил мешавад, ҳатман рӯбучину тавофи дарахтони мазорро бо пои луч (бо кашидани пойафзол) анҷом медоданд. Инчунин бар муқобили ақрабаки соат дарахтро се маротиба давр мезананд. Анъанаи дигар дар мазорот ба дарахти асосии парастишӣ бастани латтапораҳо (латта, латтабанд, латта-бандак) ба шумор мерафт. Ин амал робитаи маънавиву ҷисмонии одамро бо объекти табиат ифода мекард. Гӯё бо бастани латтапора орзуву нияти зоир амалӣ мегашт[35,с.118-122]. Дар баъзе мазорҳо бастани латтапора ба дарахти парастишӣ манъ буд. Н.С. Терлетская сабаби мамнуияти бастани латтапораро дар ихтилофи онҳо ба меъёрҳои дини ислом дидааст. Мардум ин амалро боқимондаи замони ҷоҳилия, ширк меҳисобидаанд [36,с.214]. Мардумшиноси тоҷик Р.Р. Раҳимов таъкид кадааст,ки ба дарахти мазор бастани латтапораҳо боиси аз сабзиш бозмондану хушкшавии ин «объекти сабз» мегардад [24,с.133].

Одатан зиёрати мазор аз ният оғоз мегардид. Зиёрати мазор аксар вақт бо мақсади аз чашми бад паноҳ ёфтан, шифо ёфтан, ба некӯаҳволӣ расидан ва ғайра анҷом дода мешуд.

Ба ғайр аз рӯзҳои ид зиёрати мазорҳо дар рӯзҳои истироҳат ва ё рӯзҳои махсус амалӣ мегашт. Барои тоҷикон ва ӯзбекони водии Фарғона мувофиқтарин вақти зиёрати мазорҳо аз миёнаи *саратон* то миёнаи моҳи *мизон* ( 15 июн-15 сентябр) ба шумор мерафт [21,с.42]. Дар ин вақт обу ҳаво гарму мӯътадил мегашт, боришот қатъ гардида, имконияти дар ҳавои кушод хобидан фароҳам меомад. Баъзе аз зиёраткунандагон ташрифро ба мазорҳо барои

ҳаёти худ муҳим меҳисобиданд (ҳатто бо ҳаҷ баробар медонистанд). Онҳо ҳамасола ба зиёрати якчанд мазорҳо мерафтанд. Чунин меҳисобиданд, ки дар давоми умри худ на кам аз ҳафт маротиба ба мазорот зиёрат анҷом додан зарур аст.

Зиёрати мазорҳо нисбат ба мардон аз ҷониби занон бештар анҷом дода мешавад. Зеро хондани намозро дар масҷидҳо, намози рӯзҳои Иди Қурбон ва Иди Рамазон танҳо мардон анҷом медоданд. Ҷамъомади занон,ки дар ислом маҳдуд буд. онҳо бештар ба зиёрати мазорҳо эътибор медоданд. Расму русуми зиёрати занон дар мазорҳо каме маҳдудиятҳо дошт. Масалан, дар сағонаи (болои қабри) авлиё қироат намудани сураву оятҳои қуръонро мардҳо анҷом медоданд. Занҳо танҳо ҳуқуқ доштанд,ки пешониашонро ба остона ва ё девори мазор расонанд, хоки девори мазорро ба рӯяшон моланд ва ғайра. Занон намозро ба таври инфиродӣ анҷом медоданд[25,с.376].

Дар байни мардум дар бораи зиёрати мазорҳо фикру андешаҳои мухталиф вуҷуд доштанд. Бархе бар он ақида буданд, ки зиёрати авлиёи маҳаллӣ ба хилофи Қуръон аст ва танҳо Маккаро зиёрат намудан роиҷ мебошад. Онҳо мегуфтанд, ки барои мурољиат кардан ба Оллоҳ ба миёнаравҳо, ҳатто авлиё зарурат нест. Зиёрати мазорҳо ҳатмӣ нест, ибодатро дар куҷое бошад анҷом додан равост. Қисми дигари диндорон зиёрати мазорҳоро фоидаовар ва амали савоб мешумориданд. Аксарияти зиёраткунандагон умед доранд, ки ташриф ба мазор дар ҳалли муаммоҳо рузгорашон ё касбу корашон кӯмак мекунад. Баъзан аҳли ҳунари ин ё он касб мазорҳоро,ки номи пири касбашонро доранд, зиёрат мекарданд, дар он ҷо чорво қурбонӣ мекарданд. Ба қатори чунин мазорҳо – мазори Ҳазрати Довуд (пири оҳангарон), воқеъ дар саргаҳи сойи Хоҷабоқирғон, мазори Бурхи[18,с.181-189; 27,с.231; 28,с.184; 40; 41,с.31-42] сармасти валӣ (пири бофандагон), воқеъ дар деҳаи Ҳазрати Бурхи Вахё ва дар деҳаи Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва ғайра. дохил мешаванд

Масъалаи муносибати зиёраткунандагон бо авлиёи мазорот хеле муҳим аст. Чунин тасаввурот вуҷуд дорад,ки гӯё валӣ дар сурати дуруст парастидан, ибодат кардан муродҳои ӯро ҳосил мекунад. Вале агар ноэҳтиромӣ зоҳир гардад (ҳангоми зиёрат суханҳои қабеҳ гуфта шавад, шароб истеъмол кунад, бо сурати тез аз назди турбати авлиё гузарад, авлиёро таҳқир кунад) ба касалӣ ё ягон фалокат дучор шуданаш мумкин аст. Дар мазор дуздӣ кардан мумкин нест. Чунин ақида вуҷуд дорад, ки дуздони амволи мазор ба бемории пес дучор мегарданд. Инчунин шикастани шоххои дарахтони мазор, сурудхонӣ, бо овози баланд сухан гуфтан ва дигар амалҳои номатлуб манъ карда шуда буд[16,с.7].

Мазорҳо на танҳо объекти парастишу ибодати аҳолии маҳаллӣ ва меҳмонон, инчунин воситаи табобати ҳамагуна бемориҳо (пеш аз ҳама безурриётӣ), ҳатто халосӣ аз ноомади корҳо ва ғайра ба шумор мерафтанд. Баъзе мазорҳо махсус барои табобати касалиҳои алоҳида истифода мегаштанд. Масалан, дар шаҳри Хуҷанд мазори озах вуҷуд дорад.Чи тавре,ки О.А. Сухарева таъкид мекунад бархе аз мазорҳои калони Фарғона ва Бухоро барои табобати касалиҳои сулфакабутак, дарди сар, забонгирӣ истифода мегаштанд [33,с.33]. Бинобар маълумоти Н.А. Кисляков мазори харсангии деҳаи Оби Мазори болооби Хингов барои пешгирии пешобкунии кӯдакон хидмат мекард[17,с.115].

Ҷараёни зиёрат ба қабр, мақбараи авлиёҳо ҳамчун оин аз якчанд қоидаҳои умумӣ ва махсус (барои мазорҳои алоҳида) иборат буд.Бештар дар аксари мазорҳо оину маросимҳои зайл истифода мегаштанд: давр задании қабри авлиё (ба монанди *тавофи* Каъба); оташафрӯзӣ - даргиронидани шамъ*;* дар мазор гузоштани таом ё маблағи пулӣ; қурбонӣ кардан (забҳи барра ё мурғ); ба дарахт ё туғи мазор латтапора бастан; фолкушоӣ, амалҳои соҳирӣ ба монанди партофтани сангчаҳо, пошидани об, аз чашма обу хок гирифтан; намоз хондан ва Қуръон

қироат намудан; ба дарахтон таъзим намудан; нофро луч намудан (аз ҷониби заноне,ки нияти ҳомиладор шудан доранд); ба сангҳои қабри авлиё даст расонидан; чидани тасбеҳ; нӯшидани обе,ки ба он хоки қабри авлиё омехта карда шудааст ва ғайра.[4,с.77]

Мардумшинос Н.С. Терлетский сарчашмаи хаттиро таҳти унвони «Рисолайи Ҳазрати Хоҷа Каъб –ал Акбар (дар баёни фазилати зиёрати кабри мутабораки Ҳазрати Хоҷа Каъб ал-Акбар)» (муаллифон Ваҳӣ Кирмонӣ ва Саид Оллоҳ Кирмонӣ) таҳлил намуда тарзи зиёрати сағонаи авлиёро ба тариқи зайл баён кардааст: «Қоидаи зиёрати мазор чунин аст: сараввал зоир як маротиба салавот, се маротиба сураи «Фотиҳа» ва чор маротиба сураи «Ихлос»-ро қироат мекунад. Сипас, чор ракаъат намоз мехонад, ҳангоми ракъати аввал як маротиба сураи «Фотиҳа» ва ба он сураи «Ад -Духан»-ро зам мекунад, дар раъкати дуюм баъди сураи «Фотиҳа» сураи «Алам Нашраъ»ро мехонад, дар раъкати сеюм баъли сураи «Фотиҳа» сураи «Ҳикм ал-Касир»-ро дар ракъати чорум бошад баъди сураи «Фотиҳа» сураи «Ихлос»-ро қироат мекунад, Баъдаз ин зиёраткунанда дуруд мефиристад ва дар фарҷоми намоз сураи «Ёсин» ё «Таборак» хонда мешавад [37,с.278].

Дар мазор то се рӯз истодан ё ақаллан як шаб хобидан талаб карда мешуд. Дар ин давр зиёраткунанда рӯза медошт ва бо тоату ибодат машғул мегашт. Ин амал бо мақсади вохӯрдан бо «авлиё» ва ба ӯ шахсан нақл кардани бадбахтиву фалокатхо ва хоҳиши амали нек иҷро мегашт. Хобро беҳтарин воситаи алоқа бо авлиё меҳисобиданд[37,с.77]. Агар зиёраткунанда бо дилу нияти пок омада бошад ва амалҳои нек дошта бошад, дар хобаш авлиё ҳозир мегашт ва бо ӯ сӯҳбат мекард. Ин қабил зоирон дар байни диндорон ба обрӯи баланд сазовор мегаштанд. Оинҳои зиёрати номбаршуда ба парастиши авлод, об, дарахтони муқаддас ва кӯҳҳо вобастагӣ доранд.

Дар мазорҳое, ки берун аз шаҳру деҳот ҷойгиранд, зиёрати оммавӣ, бештар аз ҳисоби занон сурат мегиранд. Дар чунин мазорҳо пухтани таом (палов ё хӯроки гӯштӣ) ва тақсим кардани онҳо ба дастархони зоирон ба роҳ монда мешавад. Ба қатори ин қабил мазорҳо дар Тоҷикистон мазори Чилучорчашма (ноҳияи Шаҳритус), Ҳазрати султони Увайси Қаранӣ (ноҳияи Ховалинг), Қалъачаи мазор (атрофии ш. Исфара), Хоҷа Такровут (ноҳияи Конибодом) ва ғайра дохил мешаванд.

Яке аз амалҳои муҳимми зоирони мазорҳо хилватнишинӣ ё чилланишинии онҳо ба шумор мерафт. Ин амалро мардумшинос Р.Р. Раҳимов роҳ ба сӯи дин, яъне роҳ ба сӯи эътиқоди исломи расмӣ номидааст [26,с.11]. Чилланишиниро танҳо мардон иҷро мекарданд. Барои занон иҷро намудани ин амал манъ буд. Дар баъзе мазорҳо чойҳо махсуси «чиллахонаҳо» бунёд мегаштанд. Масалан, дар шаҳри тоҷикнишини Чуст (воқеъ дар водии Фарғона) мазори Мавлоно Лутфуллоҳ вуҷуд дорад. Дар ин мазор мақбараи Мавлоно бунёд гаштааст. Дар қисмати шарқии мазор дар баланди (теппа) масҷиди ҷомеъ, якчанд хонақоҳ (манзили дарвешон) сохта шуда буд. Дар шафати ҷануби мақбара беш аз 20 чиллахона вуҷуд доштанд. Дар қисмати ғарбии мақбара бошад қабристон ҷойгир буд. Атрофи мазорро боғ бунёд шуда буд. Дар мазор 50 чашма мавҷуд буд[14].

Мусулмонон аз зиёрати намояндагони дигар динҳо ба мазорҳо хушбин набуданд. Вале ба онҳо мамониат намекарданд. Муҳаққиқи рус М. Венюков навишта буд,ки ӯ ҳангоми сафар ба Осиёи Миёна бо ҳамроҳонаш шабона дар яке аз мазорҳо мемонанд. Ба онҳо мардуми таҳҷоӣ иҷозат медиҳанд. Аммо таъкид мекунанд, ки «ба ягон чизи мазор даст нарасонанд, ягон чизро нашикананд»[6,с.168].

Намунаи тоинқилобии анъанаву урфу одат даргиронидани шамъу нӯкча дар болои қабрҳо ва қурбонӣ кардан мебошад. Масъалаи истифодаи оташ дар қабрҳо ва таъиноти он

тадқиқи иловагиро металабад. Дар ин ҷо ҳаминро таъкид мекунем, ки амалияи оташафрӯзӣ дар ҷойҳои ибодатӣ, ва зиёратгоҳҳо воқеъияти ба худ хоси минтақаи Осиёи Миёна мебошад. Аёми ид мардум дар оташдон ва танӯр ва ба қабристон рафта дар болои қабрҳо нӯкча дармегиронданд, то ки қабр рӯшноӣ гардад. Одати оташдаргирониро дар болои қабри авлиёи дар мазор гуронидашуда Г.П Снесарев ба қайд гирифтааст.

Мавзӯи қурбонӣ кардан дар минтақаи Осиёи Миёна, аз ҷумла байни тоҷикон аз мадди назари олимони шӯравӣ ва пасошӯравӣ то андозае дур мондааст. Дар адабиёти этнографӣ одатан ба қурбонӣ  ҳамчун ҷузъиёти маросимҳои силсилавии ҳаёти мардум, ки ба пухтупази таом, ва умуман фарҳанги  таом вобастагӣ дорад, муносибат мекунанд. Вале сарчашмаҳои хаттии аҳди қадим  шаҳодат медиҳанд,ки  маҳз қурбонӣ асоси фарҳанги анъанавии ҷомеаро ташкил медод. Дар давоми ҳазорсолаҳо ба ифихори худоҳо қурбонӣ намудан ба сифати муҳимтарин расму оини динҳои мухталиф боқи мондааст.

Ҳалқҳои эронитабор, аз ҷумла тоҷикон дар ҷараёни ивазшавии  давраҳои таърихӣ, ба вуҷуд омадани динҳои нав, андеша ва амалӣ намудани қурбониро бидуни тағйир боқӣ мемонданд ё дар намуди нав иҷро мекарданд. Яъне қурбонӣ кардан ҳеҷ гоҳ аз байн нарафтааст,мақоми аввалаи худро гум накардааст. Қурбонӣ дар байни урфу одат ва маросимҳои динҳои мухталиф ҷойгоҳи махсусро дошт ва ҳамчун унсури фарҳанги анъанавӣ муаррифӣ мегашт[19,с.13]. То зуҳури ислом аҷдоди тоҷикон ба динҳои қадимаи бутпарастӣ, зардуштия, монавия, буддоия ва ҳатто да баъзе маҳалҳо ба насрония эътиқод доштанд.

Бояд зикр намуд,ки қурбонӣ кардан қариб ки дар ҷараёни муҳимтарин расму оинҳои тоҷикон амалӣ мегарданд. Масалан, инро дар оинҳо ҳаёти оилавӣ ва фаъолияти меҳнатӣ (кишоварзӣ) мушоҳида намудани мумкин аст. Ҳангоми анҷом додани худоӣ ва маросимҳои он қурбонӣ баръало мушоҳида мегардад. Худоӣ аксар вақт аз ҷониби ҷамоа якҷоя -дастаҷамъона гузаронида мешавад.

Хулоса карда, бояд қайд намуд, ки таҷрибаи эҳтироми ҷойҳои муқаддас дар ҷомеаи тоҷикон ҳамеша вуҷуд дошт. Боздид аз зиёратгоҳҳо бо маҷмӯи махсуси амалҳои расмӣ ва тантанавӣ анҷом дода мешуданд. Ҳангоми зиёрат кардан, талаб карда мешуд, ки одамон бояд баъзе меъёрҳои дар ислом муқарраршударо риоя кунанд.

***Пайнавишт:***


1. *Абашин С. Мазар Бобои-об: о типичности и нетипичности святых мест Средней Азии // Рахмат-наме. Сборник статей к 70-летию Рахмата Рахимовича Рахимова.- СПб., 2008.-С.5-23.*
2. *Абашин С., Огудин В. Бобо-йи об//  Ислам на территории бывшей Российской империи. – М., 2003. –С. 18-20.*
3. *Абу Тоҳирхӯжа. Самария// “Самария” Абу Тоҳирхӯжа, Бухоро тарихи. Наршахий, Шажараи Хоразмшоҳий. Баёний, Фарғона тарихи. Ибрат. –Ташкент, 1991. –336 с.*
4. *Алексеев А.К., Иванова В.В.  Общее и особенное в практиках паломничества (зийарат) в Турции и Центральной Азии // Вестник Санкт-Петербургского университета. - Сер. 13.- Вып. 3.- 2012. – С.72-81.*
5. *Бобринский А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы) Очерки быта по путевым заметкам графа А.А. Бобринского. – М., 1908. - 150 с.*
6. *Венюков М. Путешествие по окраинам Русской Азии и записки о них. - СПб., 1868. -531 с.*
7. *Гольдциер, Игнац. Культ святых в исламе (Мухаммеданские эскизы). – М.: Гаиз, 1938. - 180 с.*
8. *Гордлевский В.А. Бахауддин Накшбанд Бухарский / / Избранные сочинения: В 4-х т. Т. 3. - М., 1962. - С. 369-386.*

9. *Гордлевский В.А. Ходжа Ахмед Ясеви // Избранные сочинения: В 4-х т. Т. 3. - М., 1962. -С. 361-368*
10. *Жуковский В.А. К истории старца Абу-Са'ида Мейхенейского // Записки Восточного отделения Русского археологического общества. - СПб., 1901. Т. XIII. - С. 144-156.*
11. *Залеман К.Г. Легенда про Хаким-ата // Известия Академии наук. - СПб., 1898. Сер. V. Т. IX..- № 2. - С. 105-150.*
12. *Исаков А. И. Саразм (к вопросу становления древнеземледельческой культуры Зеравшанской долины). - Душанбе: Дониш, 1991. –244 с.*
13. *Исмаилов Л. Явление «культ святых» в мировоззрении народов Средней Азии в прошлом// Материалы по истории таджикского народа. – Ленинабад, 1989. – С.30-31.*
14. *Исмоилов М. Кадами кутлуг Мавлоно // - Диёнат.-27.11.2008. -№48 //http:// www.diyonat.uz/cgi-bin/main.cgi*
15. *История Древнего Востока / под ред. Кузищина В.И. - М., 1979. - 456 с.*
16. *Кисляков Н.А. Вотивные предметы горных таджиков (по коллекциям МАЭ). //Сборник Музея антропологии и этнографии. XXVI. Традиционная культура народов Передней и Средней Азии. – Л., 1970. – С.5-15.*
17. *Кисляков Н.А. О некоторых древних поверьях таджиков долины реки Хингоу// КСИИМК. Вып.80. 1960. – С.114-117.*
18. *Кисляков Н. Бурх - горный козёл (Древний культ в Таджикистане) // Советская этнография. 1934.- № 1-2.- С.181-189.*
19. *Крюкова В.Ю. Жертвоприношение в традиционной культуре ираноязычных народов Центральной Азии //Центральная Азия традиция в условиях перемен. Выпуск I. – СПб.: Наука, 2007.- С.13-41.*
20. *Огудин В. Л. Гора Бобои- об – древняя святыня народов Северо-Западной Ферганы// Подвижники ислама : Культ святых и суфизм в Средней Азии и на Кавказе. – М., 2003. –С.41-68.*
21. *Огудин В.Л. Природные места поклонения в религиозных представлениях современного населения Ферганы: автореф. дисс… д-ра ист. наук .- М.,2003. – 56 с.*
22. *Петров В.Г. Святые природные места – культурно-историческое наследие Кыргызстана // Труды Института мировой культуры. – Вып. 4. – Бишкек: Лейпциг, 2005. - С.237-240.*
23. *Пещерева Е.М. Праздник тюльпана (лола) в сел. Исфара Кокандского уезда. – Ташкент, 1927.-13 с.*
24. *Рахимов Р. Р. Нихоли умр: дерево в мифоритуальной символике таджиков //Центральная Азия: традиция в условиях перемен, вып. III. - СПб., 2013.-С. 106—159.*
25. *Рахимов Р.Р. Ислам, исповедуемый женщинами, и ислам, исповедуемый мужчинами (на примере культа святых и паломнической практики таджиков) // Лавровский сборник. Материалы XXXIII Среднеазиатско-Кавказских чтений 2008-2009 гг. Этнология, история, археология, культурология. - СПб.: МАЭ РАН, 2009.- С.374-380.*
26. *Рахимов Р.Р. Центральная Азия: ислам у семейного очага// Центральная Азия: Традиция в условиях перемен. Выпуск II / Отв. ред. Р.Р. Рахимов, М.Е. Резван. - СПб.: МАЭ РАН, 2009.- С.3-21.*
27. *Рахматов Р.Р. Мифология Бурха: не таит ли она историю вне времени? // Центральная Азия: Традиция в условиях перемен. Выпуск II / Отв. ред. Р.Р. Рахимов, М.Е. Резван. -СПб.: МАЭ РАН, 2009.- С.228-280.*

28. *Рахматов Р.Р. Одинокий мазар в теснине гор// Центральная Азия: Традиция в условиях перемен. Выпуск II / Отв. ред. Р.Р. Рахимов, М.Е. Резван. - СПб.: МАЭ РАН, 2009.- С.180-227.*
29. *Розенфельд А.З. Название «Лянгар» в топонимике Таджикистана// ИВГО. Т.72.- Вып.6. -1940. – С.861-864.*
30. *Семёнов А.А. Шейх Джелал-уд-дин Руми по представлениям шугнанских исмаилитов // Записки Восточного отделения Русского археологического общества. - Пг., 1915. Т. XXII. - С. 247-256.*
31. *Семёнов А.А. Бухарский шейх Баха-уд-дин. 1318-1389 // Восточный сборник в честь А.Н. Веселовского. - М., 1914. - С. 202-211.*
32. *Снесарев Г.П. Реликты домусульманских верований и обрядов у узбеков Хорезма. – М., 1969. – 336 с.*
33. *Сухарева О.А. Ислам в Узбекистане. - Ташкент, 1960. –90 с.*
34. *Сухарева О.А.. Празднество цветов у равнинных таджиков (конец XIX — начало XX в.).// Древние обряды, верования и культы народов Средней Азии. - М., 1986. – 208 с.*
35. *Терлецкий Н.С. К вопросу о роли лоскутов ткани (латта-банд) на мазарах Центральной Азии// Лавровский сборник. Материалы Среднеазиатско-Кавказских чтений. 2006—2007. -СПб., 2007. - С. 118—122.*
36. *Терлецкий Н.С. К вопросу о почитании деревьев у таджиков (культ кипариса в контексте мусульманской практики паломничества и поклонения)// Таджики: история, культура, общество. - СПб.: МАЭ РАН, 2014.-С.211-239.*
37. *Терлецкий Н.С. Малоизвестное персоязычное сочинение о Бухарском мазаре // Центральная Азия: Традиция в условиях перемен. Выпуск II / Отв. ред. Р.Р. Рахимов. - СПб. : Наука, 2007.-С.266-293.*
38. *Терлецкий Н.С. Места паломничества и поклонения и доисламские традиции в Центральной Азии //Центральная Азия традиция в условиях перемен. Выпуск I. – СПб.: Наука, 2007.- С.71-98.*
39. *Турсунов Н.О. Развите городских и сельских поселений Северного Таджикистана в XVIII - начале XX вв. (историко-этнографические очерки). – Душанбе, 1991. –540 с.*
40. *Шехов А. Хазрати Бурхи Сармасти Вали. - Душанбе, 2006.*
41. *Яъкубов Ю. Хазрати Бурхи Сармасти Вали // Чахордах мазор («Четырнадцать мазаров»). - Душанбе, 2001. - С. 31–42.*

**Reference Literature:**

1. *Abashin S. Mazar Boboi-ob: on Typicality and non-Typicality of Sacred Places of Middle Asia // Rahmat-Name. Collection of articles to the 70-th Anniversary of Rahmat Rahimovich Rahimov. – Spb., 2008. – pp. 5-23*
2. *Abashin S., Ogudin B. Boboi-ob // Islam on the Territory of Former Russian Empire. – M., 2003. – pp. 18-20*
3. *Abu, Tohirkhudja. Samaria // "Samariya" by Abu Tohirkhudja, "The History of Bukhara" by Narshakhi, "Genealogy of Khorezmshakhs" by Bayoni, "The History of Ferghana" by Ibret. – Tashkent, 1991. – 336 pp.*
4. *Alexeyev A. K., Ivanova V. V. The Common and the Special in Practices of Pilgrimage (Ziyorat) in Turkey and Central Asia // Bulletin of St' Petersburg University. – Series 13. – Issue 3. – 2012. – pp. 72-81.*

5. *Bobrinskiy A. A. Mountaneers of the Pyandj Upper Reaches (Vakhanians and Ishkashimians). Essays on Every Day Life in Pursuance with Count A. A. Bobrinskiy's Travel Notes. – M., 1908. – 150 pp.*
6. *Venyukov M. The Travel around Russian Asia Outskirts and Notes about the Formers. – Spb., 1868. – 531 pp.*
7. *Goldtsiyer, Ignats. The Cult of the Saints in Islam (Mukhammeddanian Sketches). – M.: Gaiz, 1938. – 180 pp.*
8. *Gordlevskiy V. A. Bahauddin Nakshband the Bukharian // Selected Compositions in 4 volumes. V.3. – M., 1962. – pp. 369 – 386*
9. *Gordlevskiy V. A. Khodja Ahmed Yaasevi // Selected Compositions in 4 Volumes. V.3. – M., 1962. – pp. 361-368*
10. *Zhulovskiy V. A. To the History of the Elder Abu Sayid the Meyhenyeian // The Notes of the Oriental Department under the Russian Archeological Association. – Spb, 1901. V. XIII. – pp. 144-156*
11. *Zalemon K. G. The Legend about Hakim-Ata // Tidings of the Academy of Sciences. – Spb., 1898. Series V. V.IX. – N2. – pp. 105-150*
12. *Isakov A. I. Sarazm (to the Issue of the Formation of Ancient Civilized Agriculture in the Zeravshan Valley). –Dushanbe: Knowledge, 1991. – 244 pp.*
13. *Ismoilov L. The Phenomenon of "The Cult of the Saints" in the Outlook of Middle Asia Peoples in the Past. Materials on the History of the Tajik Nation. – Leninabad, 1989. – pp. 30-31*
14. *Ismoilov M. The Holy Place of Mavlono's Sojourn // -* Diyonat (Adherence to Religion). – 27.11.2008. – N48 (http: )
15. *The History of Ancient Orient // under the editorship of Kuzishkin V. I. – M., 1979. – 456 pp.*
16. *Kislyakov N. A. Votive Artefacts of Tajiks-Mountaineers (according to MAC-Moscow Archeological Expedition. // Collection of the Museum of Anthropology and Ethnography. XXVI. Traditional Culture of the Peoples of Anterior and Middle Asia. – L., 1970. – pp. 5-15*
17. *Kislyakov N. A. On Some Ancient Popular Beliefs of Tajiks Inhabiting the Hingou River Valley. // KSIIMK. Issue 80. 1960. – pp. 114-117.*
18. *Kislyakov N. Mountanious Goat Burch (Ancient Cult in Tajikistan) // Soviet Ethnography. 1934, N1-2. – pp. 181-189.*
19. *Kryukova V. Yu. Oblation in the Traditional Culture of Iranian Peoples of Central Asia // Central Asia: Tradition under the Conditions of Changes. Issue 1. – Spb.: Science, 2007. – pp. 13-41.*
20. *Ogudin V. L. Boboi-Ob Mountain as the Ancient Shrine of the Peoples of North-West Ferghana // Zealots of Islam: The Cult of the Saints and Sufism in Middle Asia and Caucasus. M., 2003. – pp. 41-68.*
21. *Ogudin V. L. Natural Places of Worship in Religious Representations of Contemporary Population of Ferghana. Synopsis of Doctoral dissertation in history. –M., 2003. – 56 pp.*
22. *Petrov V. G. Holy Natural Places as a Historico-Cultural Heritage of Kyrgyzstan // The Works of the Institute of World Culture. – Issue 4. – Bishkek: Leipzig, 2005. – pp. 237-240.*
23. *Peshchereva Ye. M. The Holiday of Tulip in Isfara Kishlak of Kokand Uyezd (the smallest administration-territorial unit in Russian Empire) –Tashkent, 1927. – 13 pp.*
24. *Rahimov R. R. Niholi Umr (Green Shoots of Century) – Tree in Mythical Ritual Symbolics of Tajiks // Central Asia: Tradition under the Conditions of Changes. Issue III. – Spb, 2013. – pp. 106-159*
25. *Rahimov R. R. Islam Confessed by Women and Islam Confessed by Men (On the Example of the Cult of the Saints and Pilgrimic Practice of Tajiks) // Lovrov's Collection. Materials of the XXXIII – d Middle Asian-Caucasian Readings of 2008-2009. Ethnology, History,*

*Archeology, Culturology. – Spb.: Moscow Archeologic Expedition under the Auspices of the Russian Academy of Sciences, 2009. – p. 376. -pp.374-380.*

26. *Rahimov R. R. Central Asia: Islam at Family Hearth // Central Asia: Tradition under the Conditions of Changes. Issue III // Editors-in-charge: R. R. Rahimov, M. Ye. Rezvan. –Spb.: Moscow Archeological Expedition under the Auspices of RAS, 2009. – pp. 3-21.*
27. *Rahmatov R. R. Mythology of Bursh: Doesn't it Lurk Out-of-Time History? // Central Asia: Tradition under the Conditions of Changes. Issue II. Editors-in-charge: R. R. Rahimov, M. Ye. Rezvan. – Spb: RAS MAE, 2009. – pp. 228-280.*
28. *Rahmatov R. R. Lonely Mazar in the Ravine of Mountains // Central Asia: Tradition under the Conditions of Changes. Issue II // Editors-in-charge: R. R. Rahimov, M. Ye. Rezvan. – Spb.: MAE RAS, 2009. – pp. 180-227.*
29. *Rozenfeld A. Z. The Title of "Lyangar" in the Toponymy of Tajikistan // IVGO. V.72. – Issue 6. – 1940. – pp. 861-864.*
30. *Semyonov A. A. Sheikh Djelal-ud-Din Rumi according to Imaginations of Shugnanian Ismailites // The Notes of Oriental Department under the Russian Archaelogic Association. – Petrogard, 1915. V. XXII. – pp. 247-256.*
31. *Semyonov A. A. Bukharian Sheikh Baha-ud-Din. 1318-1389 // Oriental Collection in Honour of A. N. Veselovsky. – M., 1914. – pp. 202-211.*
32. *Snesarev G. P. Relics of pre-Moslemic Popular Beliefs and Rites Pertaining to the Uzbeks of Khorezm. – M., 1969. – 336 pp.*
33. *Sukhareva O. A. Islam in Uzbekistan. – Tashkent 1960. – 90 pp.*
34. *Sukhareva O. A. Festivity of Flowers Celebrated by the Tajiks Living on Planes (the End of the XIX-th – the Beginning of the XX-th Centuries) // Ancient Rites, Popular Beliefs and Cults of the Peoples of Middle Asia. –M., 1986. – 208 pp.*
35. *Terletskiy N. S. To the Issue of the Role of Fabric-Shreds (latta-band) on Central Asia Mazars // Lavrov's Collection. Materials of Central Asian-Caucasian Readings. 2006-2007. – Spb, 2007. – pp. 118-122.*
36. *Terletsky N. S. To the Issue of Reverence towards Trees by Tajiks (the Cult of Cypress in the Context of Moslemic Practice of Pilgrimage and Worship) // Tajiks: History, Culture, Society. – Spb.: Moscow Archeological Expedition under the Auspices of Russian Academy of Sciences, 2014. – pp. 211-239.*
37. *Terletsky N. S. Scantily known Composition about Bukhara Mazar Written in Persian // Central Asia: Tradition under Conditions of Changes. Issue II // Editor-in-charge: R. R. Rahimov. – Spb.: Science, 2007. – pp. 266-293.*
38. *Terletsky N. S. Places of Pilgrimage and Worship and pre-Islamic Traditions in Central Asia // Central Asia: Tradition under Conditions of Changes. Issue I. – Spb.: Science, 2007. – pp. 71-98.*
39. *Tursunov N. O. Development of Urban and Rural Settlements in Northern Tajikistan in the XVIII-th – the Beginning of the XX-th Centuries (Historico-Ethnographical Essays). – Dushanbe, 1991, - 540 pp.*
40. *Shekhov A. His Holiness Burh Sarmast Vali. – Dushanbe, 2006.*
41. *Yakubov Yu. His Holiness Burh Sarmast Vali // Fourteen Mazars. – Dushanbe, 2001. – pp. 31-42.*